# Тақриз

**ба рисола ва автореферати номзадии Расулов Сорбон Пирмадович дар мавзӯи «Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (биология, сатҳи таълими умумӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати он ба масъалаи дарёфти тадбирҳои самарабахш барои баланд бардоштани аҳамияти таълими равиявӣ аз рӯи фанни биология барои хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёби намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ҳадафи асосии тағйироти зинаҳои баландтарини таҳсилоти умумӣ ин фардикунонӣ, ташкили таълими равиявӣ ва тафриқавӣ, инчунин такмил додани самаранокии таълим мебошад. Аз ин рӯ вазифа гузошта шудааст, ки низоми таълими махсус дар синфҳои болоии мактабҳои миёна бояд бо назардошти стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори меҳнат ташкил карда шавад. Феълан як қатор тафовутҳо байни ҷанбаҳои муҳими ҷараёни омӯзишӣ ба вуҷуд омадаанд: якум, бо сабабе ки дар кишвар шароитҳои илмӣ, техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ тағйир ёфтаанд, тағйири мундариҷа ва сохтори раванди таълим дар фанҳои биологӣ зарур аст, дуюм, масъалаҳои таълимоти соҳавии биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ ба таври кофӣ коркард нашудаанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳақиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Асоси методологии таҳқиқотро қазияҳои асосгузорандаи фалсафа, педагогика, психология, инчунин санадҳои қонунгузории мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳое, ки ба азнавсозӣ ва муносибгардонии ҷараёни таълим ва тарбия равона шудаанд, ташкил доданд.

Навоварии илмии кори таҳқиқоти муҳақиқ дар он ифода меёбад, ки дар сатҳи назариявӣ модели самарабахши таълими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба мавзӯи биологияи умумӣ таҳия шуда, мақсадҳо, шаклҳо, усул ва методҳои он низ муайян гардида, барои таълими инфиродӣ ва мақсаднок пешниҳод шудаанд. Нақшаи таълимӣ барои равияи табии ва математикӣ дар соҳаи химия ва биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, мафҳумҳои асосӣ дар таҳия ва интихоби ихтисоси хонандагон амиқ ва мушаххас гардида, намудҳо, усулҳо ва воситаҳои фардикунонии таълими соҳавии биологӣ муайян карда шуданд.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи аҳамият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Рисолаи илмии Расулов Сорбон Пирмадович дар мавзӯи «Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (биология, сатҳи таълими умумӣ) (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
фанҳои табиатшиносӣ Донишгоҳи
давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав : Холназаров Санг

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, к. Айни, 67
Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53
e-mail: ktsu78 @mail.ru

Имзоро тасдиқ мекунам:
сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Амиршоев А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ ШУЪБАИ КАДРҲО

06.03.2019 с.